**5.1.2 (12.00.14) ПУБЛИЧНО-ПРАВОВЫЕ (ГОСУДАРСТВЕННО-ПРАВОВЫЕ) НАУКИ**
**5.1.2 ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ. МУРОФИАИ МАЪМУРӢ. ИЛМҲОИ ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ**
**5.1.2 PUBLIC-LEGAL (STATAL-LEGAL) SCIENCES**

***УДК 342***
***DOI 10.24412/3005-8023-2024-3-22-29***

# ПРИНСИПҲОИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Ғозиева Манижа Хуршедовна,***
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# КОНСТИТУЦИОННЫЕ ПРИНЦИПЫ УГОЛОВНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Газиева Манижа Хуршедовна,***
*ассистент кафедры конституционного права ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# CONSTITUTIONAL PRINCIPLES OF CRIMINAL LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

***Ghozieva Manizha Khurshedovna,*** *assistant of the department of constitutional law under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***e-mail:*** *khurshedzodam@mail.ru*

*Принсипҳои конститутсионӣ ва принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ бо такя ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардида, таносуби онҳо нишон дода шудааст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва дар сурати номувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талабот принсипҳои конститутсионӣ бевосита амал менамоянд. Дар ин замина муайян карда мешавад, ки принсипҳои конститутсионӣ ҳамчун асос барои принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ баромад мекунанд. Асосҳои конститутсионии принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, аз қабили адолат, баробарӣ, инсондӯстӣ, демократизм нишон дода шудаанд. Баъзе камбудиҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба принсипҳои конститутсионӣ мувофиқ нестанд, таҳлил карда шудаанд. Пешниҳод карда мешавад, ки баъзе принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ки дар таркиби принсипҳои Кодекси ҷиноятии амалкунанда мустаҳкам гардидаанд, ҷудо намуда, дар шакли моддаҳои алоҳидаи Кодекс мустаҳкам карда шаванд.*

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия, қонунгузории ҷиноятӣ, принсипҳои конститутсионӣ, принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, қонуният, инсондӯстӣ, баробарӣ, демократизм, адолат*

*Рассматриваются принципы конституционного и уголовного права на основе Конституции Республики Таджикистан и Уголовного кодекса Республики Таджикистан, а также показано их соотношение. Конституция Республики Таджикистан имеет высшую юридическую силу, и в случае несоответствия нормативных правовых актов предъявляемым требованиям конституционные начала прямо распространяются на них. В связи с этим определено, что конституционные принципы выступают основой принципов уголовного права. Показаны конституционные основы принципов уголовного законодательства: справедливость, равенство, гуманность, демократизм. Проанализированы отдельные недостатки Уголовного кодекса Республики Таджикистан, которые не соответствуют конституционным принципам. Предлагается выделить некоторые принципы уголовного законодательства, которые закреплены в составе действующих принципов Уголовного кодекса Республики Таджикистан, и тем самым закрепить их в виде отдельных статей.*

***Ключевые слова:*** *Конституция, уголовное законодательство, конституционные принципы, принципы уголовного права, законность, гуманизм, равенство, демократизм, справедливость*

*This study examines the constitutional principles and principles of criminal legislation based on the Constitution of the Republic of Tajikistan and the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, and also shows their relationship and differences. The Constitution of the Republic of Tajikistan has the highest legal force, and in case of inconsistency of normative legal acts, the constitutional principles apply directly to them. It is determined that constitutional principles are the basis of the principles of criminal law. The constitutional foundations of the principles of criminal legislation, such as justice, equality, humanity, democracy, are shown, and individual shortcomings of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan that do not correspond to constitutional principles are analyzed. It is proposed to highlight some principles of criminal legislation, which are enshrined in the current principles of the criminal code of the Republic of Tajikistan and thereby consolidated in the form of its separate articles.*

***Key-words:*** *Constitution, criminal law, constitutional principles, principles of criminal law, legality, humanism, equality, democracy, justice*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи конститутсионӣ соҳаи пешбаранда ва асоси дигар соҳаҳои ҳуқуқ буда, меъёрҳои он заминаи танзими ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангиро дарбар мегирад. Чун дар дигар давлатҳои ҳуқуқбунёд, демократӣ, дар ҷумҳурӣ таъсири Конститутсия ба ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ бештар ба назар мерасад. Меъёрҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ бо гуногунҷабҳагӣ фарқ мекунанд, ки ба дигар санади меъёрию ҳуқуқӣ хос нест. Мутобиқи қисми 1 -и моддаи 10-и Конститутсияи амалкунанда, “Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд” [1, м.10].

Дар байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, меъёрҳое дида мешаванд, ки эътибор ва татбиқи онҳо якхела мебошанд, вале имконияти ҳалли гуногуни масъаларо ба миён меоранд, яъне бо ҳам рақобат мекунанд. Аз ин рӯ, агар меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқи якхела дошта, баробари ин роҳи ҳалли гуногунро пешбинӣ намоянд, чунин ҳолат аз ҷиҳати мантиқӣ маънии худро гум мекунад ва барои ҳалли он меъёрҳои конститутсионӣ, ки дар партави принсипҳои конститутсионӣ ва дар якҷоягӣ бо онҳо татбиқ карда мешаванд, зарур мебошад. Принсипҳои ҳуқуқ номгӯи ғояҳо ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаи мушаххас мебошанд, ки дар маҷмӯъ унсури асосии эҷоди ҳуқуқ ба шумор меравад ва яке аз воситаҳои танзими мӯътадили муносибатҳои ҳуқуқӣ мебошанд.

Принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ асоси танзими ҳуқуқии принсипҳои соҳаҳои дигари ҳуқуқиро ташкил дода, дар раванди танзими қонунгузории ин ё он соҳаи ҳуқуқ таъсири бевосита доранд.

В.В.Невинский принсипҳои ҳуқуқи конститутсиониро чунин маънидод мекунад: “Муқаррароти ибтидоӣ ва асосии Конститутсия, ки мазмуни танзими ҳуқуқии доираи муайяни муносибатҳои ҷамъиятиро дар самти муқаррар намудани мавқеи шахсият, созмони иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангӣ ва давлатию ҳуқуқии ҷомеа муттаҳид мекунад” [5]. Принсипҳои конститутсиониро О.Е. Кутафин чунин маънидод кардааст: «Муқаррароти ибтидоӣ, роҳбарикунандаи танзими ҳуқуқи конститутсионӣ фаҳмида мешаванд, ки дорои дараҷаи умумии меъёрӣ буда, рушди тамоми низомҳои танзими ҳуқуқиро муайян мекунанд”[3, с.43]. Дигар ақидаҳои назариявии принсипҳои ҳуқуқӣ низ вуҷуд доранд, ки барои муайян кардани мафҳуми “принсипи конститутсионӣ” истифода бурдан мумкин аст.

Принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ воситаи танзими ҳуқуқие мебошанд, ки стандарти умумиҳатмӣ ва расман муайяншударо дар бар мегиранд ва имкон медиҳанд, ки ғояҳои аз ҷиҳати конститутсионӣ муҳим таҳия карда шаванд. Мавқеи воқеии принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ дар низоми ҳуқуқӣ аз вазифаи онҳо бармеояд. Вазифаи ин принсипҳоро бошад, метавон дар заминаи нақши онҳо дар марҳилаҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ баррасӣ кард.

Ба ҳамагон маълум аст, ки қувваи ҳуқуқиро он принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқие доро мебошанд, ки бевосита дар меъёрҳои Конститутсия ифода ёфтаанд. Дигар принсипҳо, чунин қувваро надоранд.

Доираи масъалаи принсипҳои конститутсионӣ як қатор олимон корҳои илмӣ бурдаанд: Е.А.Кравтсова, А.А.Яшина, С.Е. Каиржанова, Н.А.Арапов, Оксана Шупитская, Г.А.Василевич, С.А.Мосин, И.Ю. Захарова ва дигарон оид ба масъалаи мафҳум, моҳият ва низоми принсипҳои конститутсионӣ, принсипҳои конститутсионии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва монанди инҳо таҳқиқот бурдаанд.

Ҳамин тариқ, дар илми ҳуқуқшиносӣ принсипҳои ҳуқуқро ба умумӣ, ки асоси ташаккул ва фаъолияти ҳамаи меъёрҳо, соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқро дарбар мегиранд; байнисоҳавӣ, ки ба якчанд соҳаҳои ҳуқуқ тааллуқ доранд ва соҳавӣ, ки ба соҳаи алоҳидаи ҳуқуқ мансубанд, ҷудо менамоянд. Принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ бошанд, бештар хусусияти умумисоҳавӣ дошта, онҳоро низ дар навбати худ ба принсипҳои конститутсионии хусусияти умимиинсонидошта (адолатнокӣ, қонуният, баробарӣ, озодӣ) ва ба принсипҳои конститутсионии институтҳо: принсипҳои низоми интихоботӣ, принсипҳои вазъи конститутсионии шахсият, принсипҳои ҳокимияти судӣ ва ғайраро ҷудо менамоянд. Принсипҳои конститутсионӣ, ки ба сохти давлат ва ҷамъият алоқамананданд, аҳамияти махсус доранд, ки принсипи баробарӣ, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волоияти Конститутсия, таҷзияи ҳокимият, демократия ва ғайра аз ҷумлаи онҳост.

Чӣ тавре ки дар боло қайд шуд, принсипҳои ҳуқуқӣ конститутсионӣ бештар хусусияти умумисоҳавӣ дошта, тамоми дигар соҳаҳои ҳуқуқ ҳамчун асос баромад мекунад ва номувофиқатии меъёрҳои соҳаҳои ҳуқуқ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки предмети омӯзиши таҳқиқот мебошад, ба Конститутсия роҳ дода намешавад. Ҳуқуқи ҷиноятӣ яке аз соҳаҳои муҳими ҳуқуқ дар ҷомеаи муосир мебошад, ки дар асоси принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ таъсис ёфта, амал мекунад. Татбиқи пайвастаи принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ба такмили ин соҳаи ҳуқуқ мусоидат мекунад.

Қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 1-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Кодекси номбурда иборат аст [2], ки дар асоси як қатор принсипҳо – ғояҳои бунёдии асосӣ амал карда, моҳияти онро муайян мекунанд. Қисми 2-и меъёри ишорашуда далели бевоситаи ин гуфтаҳо мебошад, ки дар он омадааст: "қонунгузории ҷиноятӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои умумиэътирофшуда ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст" [2] . Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ аз ғояҳои асосие, ки бевосита дар меъёрҳои Конститутсия дарҷ гардидаанд, сарчашма мегиранд.

Ба андешаи В.Д. Филимонов: "принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ-ин талаботҳое, ки мазмуни меъёрҳои онро муайян намуда, масъулиятро барои содир намудани ҷиноятҳои мушаххас, инчунин асос, шароит ва хусусияти ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар мекунанд, фаҳмида мешаванд" [6, с.28]. Ш. Мираҳмадов бошад, менависад, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ – ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ ифода гардида, мазмуни ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври куллӣ ва дар самтҳои алоҳидаи он муайян месозанд [4, с.195]. Аз мафҳумҳои овардашуда, хулоса бароварда метавонем, ки принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ин ғояҳои роҳбарикунандае мебошанд, ки аз принсипҳои конститутсионӣ-ҳуқуқӣ сарчашма гирифта, асоси қонунгузории ҷиноятиро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, барои

муайян кардани асоси конститутсионии қонунгузории ҷиноятӣ зарур мешуморем, принсипҳои қонугузории ҷиноятиро қайд намоем.

Ҳамин тариқ, қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ба зумраи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ чунин принсипҳо: қонуният (моддаи 4), баробарии шаҳрвандон дар назди қонун (моддаи 5), ногузирии ҷавобгарӣ (моддаи 6); ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳкорӣ (моддаи 7), адолат (моддаи 8), башардӯстӣ (моддаи 9), демократизм (моддаи 10)-ро муқаррар кардааст [2].

Принсипҳои ду соҳаи мустақили ҳуқуқ - ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи ҷиноятиро омӯхта, дар якҷоягӣ мафҳум ва намудҳои принсипҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятиро ба таври зайл пешниҳод намоем:

Принсипҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятӣ, ғояҳои асосӣ ва эътибори олидоштае мебошанд, ки дар Конститутсия пешбинӣ шуда, принсипҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ба ҳисоб мераванд ва мазмун, шароит ва хусусияти ҷавобгарии ҷиноятиро барои шахси ҷиноят содиркарда муқаррар мекунанд. ба принсипҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятӣ принсипҳои зеринро шомил намудан мумкин аст:

1. Принсипи афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд
2. Принсипи инсондӯстӣ
3. Принсипи адолатнокӣ
4. Принсипи қонуният
5. Принсипи баробарии ҳама дар назди қонун ва суд.

Гарчанде дар адабиёти илмӣ доираи нисбатан васеи низоми принсипҳои ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст, мо муҳимтарин принсипҳои конститутсионии қонунгузории ҷиноятиро номбар намуда, мавриди таҳлил қарор додем.

**Афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд.** Дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба монанди тамоми соҳаҳои ҳуқуқ, принсипи асосии дар моддаи 5-и Конститутсия овардашуда, мушаххас гардидааст. Алоқамандии махсусро масъалаи ҳимоя ва амнияти ҷиноятӣ - ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии инсон танҳо ба андозае маҳдуд карда мешаванд, ки дар меъёрҳои Конститутсия иҷозат дода шудаанд. Маҳз ҳолати мазкур асосан табиати муносибати байниҳамдигарии меъёрҳои конститутсионӣ ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро муайян менамояд. Ҳуқуқи татбиқи ҷазо ба давлат тааллуқ дорад, вале дар баробари ин, он бояд ба воситаи қонуни қувваи олии ҳуқуқидошта маҳдуд карда шавад.

**Принсипи инсондӯстӣ.** Асоси конститутсионии принсипи инсондӯстӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, дастури моддаи 14-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки мутобиқи он ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракуниро муайян мекунанд ва ба воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд. Маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.[1, м.14]. Ба асоси конститутсионии принсипи гуманизм дар қонунунгузории ҷиноятӣ, ҳамчунин моддаи 5-и Конститутсия [1, м.5]-ро мисол овардан мумкин аст. Инчунин, дар моддаи 20-и Конститутсия кафолати принсипи инсондӯстӣ дида мешавад, ки мутобиқи он “ҳеҷ кас баъди гузаштани муҳлати таъқиби ҷиноятӣ, инчунин барои содир кардани рафторе, ки ҳангоми воқеъ шуданаш ҷиноят ҳисоб намеёфт, ба ҷавобгарӣ кашида намешавад” [1, м.20]. Қисми 2-и моддаи номбурда оид ба қонуне, ки баъди содир шудани рафтори ғайриқонунии шахс қабул шудааст ва он ҷазои шахсро вазнин мекунад, сухан меравад. Мутобиқи меъёри мазкур чунин қонун татбиқ карда намешавад, дар ҳоле ки қисми 3-и ин меъёр ҳолати

баръакс, яъне агар баъд аз содир шудани рафтори ғайриқонунӣ ҷазо барои он пешбинӣ нашуда бошад ва ҷазои сабук пешбинӣ шуда бошад, татбиқ гардидани қонуни нав зикр шудааст [1, қ.3, м.20]. Яъне, давлат ба воситаи муқаррар намудани чунин меъёр дар Конститутсия кӯшиш намудааст, ки то ҳадди имкон барои шахси ҷиноят содирнамуда, ҷазои сабуктар муқаррар намояд, зеро ки шахси гунаҳкор эътирофшуда низ дар навбати аввал инсон мебошад ва ин ҳолатро бевосита далели кафолати принсипи инсондӯстӣ гуфта метавонем. Вобаста ба ин, дар моддаи 13 қонунгузории ҷиноятӣ омадааст, ки қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, ҷазоро сабук ё ба тариқи дигар вазъи шахси ҷиноят содиркардаро беҳтар мекунад, қувваи бозгашт дорад, яъне ба шахсоне татбиқ мегардад, ки то эътибор пайдо кардани чунин қонун кирдор содир кардаанд, аз ҷумла ба шахсоне, ки мӯҳлати ҷазоро адо мекунанд ё кардаанд, вале доғи судӣ доранд. Аз лаҳзаи эътибор пайдо кардани қонуне, ки ҷиноят будани кирдорро бартараф мекунад, кирдори то эътибор пайдо кардани қонун содиршуда ҷиноят ҳисоб намешавад [2]. Инчунин, дар моддаи 9-и он оварда шудааст, ки “ба шахси ҷиноят содирнамуда бояд ҷазое таъин гардад ё чунин чораи дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ раво дида шавад, ки бароиислоҳи ӯ ва пешгирӣ намудани ҷиноятҳои нав зарур ва кофӣ бошад” [2]. Яъне мақсади ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси ҷиноят содирнамуда на ин ки таҳқири шаъну эътибори инсон, озори ҷисмонӣ, балки ислоҳи ӯ ва пешгирии ҷинояткорӣ дар давлат ба ҳисоб меравад, ки ин бевосита дар қисми 2и ин модда муқаррар карда шудааст [2]. Моддаи 11(1)-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ давоми мантиқии моддаи 14-и Конститутсия гуфтан ба маврид аст, ки дар он қоидаҳои тафсири қонуни ҷиноятӣ оварда шудаанд: “дар ҳолати духӯра ифода ёфтани меъёри ҳуқуқи ҷиноятӣ, ё худ ҳангоми онро ду хел маънидод намудани қонунгузорӣ, он ба манфиати айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда тафсир ё маънидод карда мешавад” [2].

Ҳамин тариқ, принсипи инсондӯстӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ асоси конститутсионӣ дошта, дар Кодекси ҷиноятӣ моҳияти ҷиноятии худро ёфтааст ва дар навбати аввал инсон будани шахси ҷиноят содиркардаро эътироф ва ҳифз намудааст.

**Принсипи баробарӣ дар назди қонун** заминаи конститутсионии мустаҳкам шудани принсипи баробарӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ, меъёри дар моддаи 17-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашуда мебошад, ки ин меъёр баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд, новобаста аз миллат, забон, нажод, ҷинс, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ, мавқеи сиёсӣ, молумулк кафолат додааст [1, м.17]. Қисми 2-и моддаи мазкур баробарии мардон ва занонро эълон намудааст [1, қ.2, м 17].

Талаботи мазкур дар моддаи 5 қонунгузории ҷиноятӣ ифода ёфтааст: “Шахсоне, ки ҷиноят содир намудаанд, қатъи назар аз ҷинс, нажод, миллат, шаҳрвандӣ, забон, муносибат ба дин, ақидаҳои сиёсӣ, таҳсилот, вазъи иҷтимоӣ, хизматӣ ва молу мулкӣ, мансубият ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, маҳалли истиқоматашон ва дигар ҳолатҳо дар назди қонун баробаранд ва бояд ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд.” [2]. Фарқи байни муқаррароти Конститутсия ва қонунгузорӣ вобаста ба принсипи баробарӣ дар назди қонун ва суд, дар он ифода меёбад, ки агар Конститутсия баробариро барои инсон ва шаҳрванд дар умум муқаррар карда бошад, қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар намудааст: “шахсони ҷиноят содиркарда дар назди қонун ва суд баробар буда, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.” [2].

Хусусияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани субъектони махсус, ба монанди занон, ноболиғон, пиронсолон набояд бо маънои вайрон шудани принсипи баробарӣ дар назди қонун ва суд фаҳмида шавад. Сабаб дар он аст, ки ин гурӯҳи шахсон ба ҳимояи махсуси давлату ҷамъият ниёз доранд ва дар татбиқи ҷазои ҷиноятӣ барои чунин шахсон, аз руи принсипи инсондӯстӣ бояд имтиёзҳо дода шавад. Барои мисол, хусусиятҳои шахсияти

ҷинояткорони ноболиғ имкон намедиҳад, ки нисбати онҳо ҳамон меъёрҳое, ки барои ҷинояткорони ба синни балоғатрасида, муқаррар шудааст, татбиқ карда шаванд.

Бояд зикр кард, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вайрон кардани баробарҳуқуқии шаҳрвандонро ҷиноят эътироф намудааст. Моддаи 143 КҶҶТ барои қасдан бевосита ё бавосита вайрон намудан ё маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо ё ин ки бевосита ё бавосита муқаррар намудани бартарии шаҳрвандон вобаста ба ҷинс, нажод, миллат, забон, баромади иҷтимоӣ, мавқеи шахсӣ, молу мулкӣ ё мансабӣ, маҳалли истиқомат, муносибат бо дин, ақида, марбут будан ба ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрванд зарар расонидааст, ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар кардааст.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар як шахс дар амалӣ намудани ҳуқуқу озодӣ ва вазифаҳояш баробар буда, шахси ҷинояткор, аз ҷумла, дар назди қонун ва суд ва вобаста ба иҷро намудани масъулияти ҷиноятӣ баробар мебошад.

**Принсипи адолатнокӣ.** Адолат худ дар фарҳанги забони тоҷикӣ ҳамчун додрасӣ, додгарӣ; некӯкорӣ, кор аз рӯйи инсоф маънидод карда шудааст.

Ҳамчун принсипи конститутсионӣ адолат дар моддаи 19-и Конститутсияи ҶТ танзим шудааст, ки мувофиқи он ҳар шахс ҳуқуқ дорад талаб намояд, ки парвандаи ӯро суди босалоҳият, мустақил ва беғараз, ки тибқи қонун таъсис ёфтааст, баррасӣ намояд [1, м.19]. Ин муқаррароти Конститутсия ба таъмини ҳуқуқи ҳар шахс ба адолати судӣ нигаронида шудааст. Дар ин меъёр, мазмуни ибораи “суди босалоҳият, мустақил ва беғараз” аз дастрас будани адолати судӣ, талабот нисбат ба ташкили ҳайати судӣ, кафолатҳои мурофиавии судӣ бо риояи талаботи адолат фаъолиятбаранда, иборат мебошад.

Қонунгузории ҷиноятӣ низ принсипи адолатро дар моддаи 8-и КҶҶТ мустаҳкам кардааст: “ҷазо ва чораҳои дигари дорои хусусияти ҳуқуқии ҷиноятӣ, ки нисбати шахси ҷиноят содирнамуда татбиқ мешавад, бояд одилона бошад, яъне ба хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят, ҳолатҳои содир намудани он ва шахсияти гунаҳгор мувофиқ бошанд” [2] Барои татбиқшавии принсипи мазкурдар амалия бояд ҳолатҳои кирдори содиршуда ҳамаҷиҳата, яъне намудҳои гуногуни ҷазо; ҳадди поёнӣ ва ҳадди болоии ҷазо; тартиби таъини ҷазо барои категорияҳои махсуси одамон (ноболиғон, занон, пиронсолон); ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазои ҷиноятӣ; асосҳои озод намудан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ғайраҳо ба назар гирифта шаванд.

Қисми 2-и моддаи 20-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, ки ҳеҷ кас барои як ҷиноят такроран ҷазо намебинад. [1, м.20] Дар қонунгузории ҷиноятӣ бошад, меъёри мазкур бо камтар тағйирот, яъне “ҳеҷ кас барои як ҷиноят ду маротиба ба ҷавобгарӣ кашида намешавад” [2] оварда шудааст. Яъне шахс танҳо дар он ҳолат ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки агар ӯ барои содир кардани ҳамин ҷиноят маҳкум нашуда бошад.

Дигар принсипҳои қонунгузории ҷиноятӣ, ба монанди принсипҳои ногузирии ҷавобгарӣ, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, ки дар моддаҳои 6 ва 7-и КҶҶТ оварда шудаанд, асоси конститутсионии аниқе, ки дар моддаҳои алоҳидаи Конститутсия нишон дода шуда бошанд, надоранд. Ҳамчун асоси конститутсионӣ меъёрҳои умумии конститутсиониро мисол овардан мумкин аст. Аз ҷумла, вобаста ба принсипҳои номбаршуда мо метавонем моддаҳои 19 ва 20-ро дар умум номбар намоем, ки мазмуни ин принсипро ташкил медиҳанд.

Принсипи қонуният. Тоҷикистон дар сатҳи Конститутсия (моддаи 1) худро давлати ҳуқуқбунёд эълон намудааст. Яке аз хусусияти асосии чунин давлат волоияти қонун ба ҳисоб меравад, ки бо такя ба қонун фаъолияти худро ба роҳ мондани тамоми сохторҳои онро ифода мекунад. Аз ин рӯ, дар Конститутсия ва қонунгузории ҷиноятии амалкунанда, мақомоти қонунгузор ин принсипро ҳамчун асоси соҳаҳои мазкур муқаррар кардааст.

Асоси конститутсионии принсипи мазкур дар қисми 2, моддаи 10-и Конститутсия ба таври зерин мустаҳкам шудааст: “Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.” [2]

Вобаста ба ин, қисми 2 моддаи 10-и Конститутсия вазифаи риоя ва иҷрои қонунгузории ҷумҳуриро ҳам ба давлат ва ҳам халқ вогузор кардааст. Ҳамчунин, дар моддаи 42-и қонуни асосии давлат дар қатори ӯҳдадориҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд, риоя ва иҷрои Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳурӣ дар ҷойи аввал меистад, ки ин бевосита волоияти қонунро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти давлату ҷамъият нишон медиҳад. [1, м.м.10; 42]

Принсипи қонуният, ки ба гурӯҳи принсипҳои умумисоҳавӣ дохил мешавад, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос гардидааст. Чунончӣ, дар моддаи 4 омадааст: “Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин кодекс муайян менамояд.” [2]. Яъне ҳамон кирдоре, ҷиноят ҳисобида мешавад ва сазовори ҷазо ё оқибати дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ мебошад, ки қонунгузории ҷиноятӣ муайян кардааст.

Қисми 2-и меъёри мазкур гунаҳкор донистан ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашидани шахсро танҳо дар асоси қонун ва бо хукми суд иҷозат додааст [2], ки ин меъёр аз моддаи 20-и Конститутсия сарчашма мегирад: “ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста намешавад” [1, м.20].

Принсипи қонуният ҳамчун принсипи конститутсионӣ ҳифзи манфиатҳои ҳам давлат, ҳам ҷамъият ва ҳам шахсиятро ифода намуда, риояи он ба тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷамъияту шахсият ҳатмӣ бошад, ҳамчун принсипи қонунгузории ҷиноятӣ танҳо барои ҳифзи манфиати шахсият равона карда мешавад, зеро субъекти ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо шахс шуда метавонад. Таъмини иҷрои он ба ӯҳдаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор карда мешавад, то ки шахс ба ҷавобгарии ҷиноятии беасос ва ғайриқонунӣ кашида нашавад.

Эҳтимолияти бегуноҳӣ бошад, дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳолате, ки мутобиқи он гунаҳкор (судшаванда) бегуноҳ ҳисобида мешавад то даме, ки гуноҳи ӯ бо ҳукми суд тасдиқ нашавад. Дар Кодекси ҷиноятии Қирғизистон принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун қисми принсипи гуноҳ мустаҳкам шудааст.

Хулоса, принсипи қонуният ва принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ мазмуни гуногун дошта, набояд дар як меъёр мустаҳкам гарданд. Пешниҳод менамоем, ки принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ ҳамчун моддаи алоҳида ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.

**_ПАЙНАВИШТ:_**


1. *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйироту иловаҳои солҳои 1999, 2003 ва 2016. – Душанбе: Ганҷ, 2017 – 126 с.*
2. *Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.05.1998 [манбаи электронӣ]. https://mmk.tj/ Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (санаи истифодабарӣ: 18.04.2024).*
3. *Кутафин О.Е. Предмет конституционного права / О.Е. Кутафин. — Москва: Юристь, 2001. — 444 с. (С. 43).*
4. *Мирахмадов Ш. «Нақши Конститутсия дар татбиқи принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ» //Маҷаллаи академии ҳуқуқ. 2020. - 4 (36). – С.195-197.*
5. *Невинский В.В. Основы конституционного строя Российской Федерации как система конституционных принципов / В.В. Невинский // Российский юридический журнал. - Екатеринбург: Изд-во Уральск. ун-та, 2004. - № 1. - С. 9-15.*
6. *Филимонов В.Д. Принципы уголовного права. — Москва: АО «Центр ЮрИнфоР», 2002. – 139 с.*

**REFERENCES:**


1. *Constitution of the Republic of Tajikistan from November 6, 1994 with amended and supplemented of 1999, 2003 and 2016 years. – Dushanbe: Ganj, 2017 – 126 pp.*
2. *Criminal Code of the Republic of Tajikistan from 21.05.1998 [electronic resource]. https://mmk.tj/ Official site of Legislation National Centre of the Republic of Tajikistan (date of access: 18.04.2024).*
3. *Kutafin O.E. Subject of the Constitutional Law / O.E. Kutafin. — Moscow: Jurist, 2001. — 444 pp. (PP. 43).*
4. *Mirahmadov Sh. The Role of Constitution in Application of the Principles of Criminal Law» // Journal of academy of rights- 4 (36) / 2020, PP. 195. PP 195 - 197.*
5. *Nevinsky V.V. Fundamentals of the Constitutional System of the Russian Federation as a System of Constitutional Principles / V.V. Nevinsky //Russian judicial journal. -Yekaterinburg: Publishing house of Ural University, 2004. - № 1. - PP. 9-15.*
6. *Filimonov V.D. Principles of criminal law. — Moscow: JSC "Center YurInfoR", 2002. – 139 pp.*